**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика-математика,
__________ дотсент Наҷмиддиниён А.М.
«_26_» ________________ 2023

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Тоҷикистон Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ иҷро шудааст. Рисолаи илмӣ зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ Азизӣ Муҳамадалӣ омода гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи Нурматова Н.Л. мубрам буда, дар он масъалаи низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат бори аввал мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ бо дарназардошти мақсади тадқиқот, ки таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва асосноксозии самаранокии истифодаи он иборат мебошад, аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ вазифаҳои таҳқиқотро хеле

дурусту нишонрас муайян кардааст. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт:

Муҳаққиқ дар таҳқиқот исбот намудааст, ки барои ташаккули лаёқати хонандагон муҳайё намудани шароит барои истифода аз озмоишгоҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муаиссаҳои таҳсилоити иловагӣ дар раванди омӯзиши фанҳои физика, биология ва химия (бо маводу маҳлулҳо, реактивҳои озмоишӣ таъмин намудани ин озмоишгоҳҳо) ниҳоят муҳим мебошад;

Зимни озмоиши таҳқиқотӣ муайян намудааст, ки бинобар сабаби ба талаботи хонандагони болаёқат мувофиқ набудани китоби дарсӣ, воситаҳои ёрирасон ва норасии он истифодаи маводҳои таълимии аз ҷониби омӯзгорони мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муштарак таҳия гарданд. Инчунин, омодагии хонандагон ба олимпиадаҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бояд аз давраи таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ оғоз гардад. Дар босамар гардидани ин шакли кор таълими ҳамгирои фанҳои таълимӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои самаранок дар вақти таътилҳои мавсимӣ (тирамоҳӣ, замистона, баҳорӣ, тобистона) ташкил намудани истироҳатгоҳҳои фароғатӣ-омӯзишӣ ва идомаи машғулиятҳои ҷустуҷӯйӣ-пажуҳишӣ бо хонандагони болаёқат дар назди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ниҳоят манфиатовар мебошад. Дар ин маврид зиёд намудани шумораи омӯзгорони ботаҷриба ва соҳибкасб ва ёварони омӯзгор дар самти кор бо хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таъмин намудан ҳатмӣ мебошад ;

Мустаҳкам намудани робитаҳои машваратӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо мақсади аз ҷониби хонандагони болаёқат истифода

намудан аз имконоти лабораторияҳои илмӣ ва озмоишӣ, китобхонаҳои ин муассисаҳо яке аз роҳҳои асосии пешбурди кор оварда шудааст.

Навгонии илмии тадқиқот аз он иборат аст, ки масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти "Кӯдаки болаёқат" дар илмҳои педагогика ва психология мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуда, - асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда шуд.

Хеле бамаврид аст, ки аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, бо назардошти талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардид;

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур" коркард ва пешниҳод намуд.

Ҳамин тариқ, чунон ки таҳқиқоти унвонҷу нишон дод, ташкили низоми муассири ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат натиҷаҳои беҳтар ба бор хоҳад овард ва он аз суръат, сифат ва тағирёбии дониш, беҳтар шудани фаъолияти хонандагони болаёқат ва иштироку муваффақияти онҳо дар олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти анҷомёфта зарурати ҳалли як қатор масъалаҳоро барои омӯзиши амиқтари масъалаи таҳқиқшаванда барои минбаъд нишон додааст. Чунончи, омӯзиши амиқтари нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ, муаммои пастшавии сатҳи шавқу рағбати хонандагони лаёқатманд ба омӯзиши фанҳои таълимӣ ҳангоми гузариш ба зинаи минбаъдаи таҳсил ва интихоби касбу ихтисосҳо; инкишофи лаёқатмандии хонандагон дар тӯли тамоми солҳои таҳсил дар

мактаб; ҷустуҷӯи роҳҳои босамари рушди лаёқатмандии хонандагон дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ муҳим ба назар мерасад.

Дар рисола масъалаҳои вобаста ба роҳу услуҳои ташхиси лаёқатмандлии кӯдакон, муносибати педагогиву психологии дахлдор бо онҳо, истифодаи методикаи самараноки таълими хонандагони болаёқат, самтҳои асосии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва омода намкудани омӯзгорон барои кор бо чунин хонандагон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ бо дарназардошт ин вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, дар раванди таҳқиқот ҷанбаҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пажуҳиш намуда, пешниҳодҳои муфид додааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи диссертатсия амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ дар мақолаҳои дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳкикот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиён ҷаласаи васеи шуъба

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" кори илмии

мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкилифаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" баъд аз ворид намудани пешниҳоду тавсияҳои баёншуда ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 23 майи соли 2023, протоколи №5 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 8 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 8 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ, профессор мудири шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Иматзода Л.

Котиби ҷаласа, ходими илмии шуъбаи педагогика, психологияи ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳасанзода Ю.

Имзои Иматзода Л. ва Ҳасанзода Ю. тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.